**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Нуров Сухроб Рустамович дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пешниҳод шудааст**

Автореферати диссертатсияи Нуров Сухроб Рустамович ба яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами илми таърих – омӯзиши мероси илмӣ ва саҳми таърихнигорони ватанӣ дар таҳқиқи таърихи Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар шароити рушди таърихнигории миллӣ ва зарурати арзёбии саҳми олимони тоҷик дар таҳқиқи гузашта, омӯзиши осори профессор О.Б. Боқиев аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ дорад.

Муаллиф дар асоси таҳлили осори илмии профессор О.Б. Боқиев кӯшиш намудааст, ки нақши ӯро дар омӯзиши таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон муайян созад.

Дар автореферат мақсад, вазифаҳо, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ба таври равшан ифода ёфтаанд.

Мубрамии мавзуи таҳқиқро 7 банди дар автореферат зикршуда пурра тасдиқ менамояд.

Дараҷаи омӯзиши таҳқиқи мавзуъ дар он зикр мегардад, ки то ҳанӯз ҳаёт ва фаъолияти илмиву педагогӣ ва осори илмии профессор О.Б. Боқиев мавриди таҳқиқи муфассал ва алоҳида қарор нагирифтааст. Танҳо баъзе мақолаҳо ва ёддоштҳоро зикр кардан мумкин аст, ки хусусияти публисистӣ ва оммавиро доро буда, баъзе ҷанбаҳои фаъолияти босамари илмӣ-пажӯҳишӣ, илмӣ-педагогӣ ва ҷамъиятӣ ва лаҳзаҳои ҳаёти ӯро инъикос менамоянд.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот омӯзиш таҳқиқи масъалаҳои мубрами таърихи минтақаҳои Тоҷикистони муосир дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар асоси осори илмии профессор О.Б. Боқиев ба шумор меравад, ки муаллифи диссертатсия пурра мақсаду вазифаҳои дар наздаш гузошташударо иҷро намудааст.

Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқро усулҳои умумиилмии таърихӣ ва объективияти илмӣ ташкил медиҳанд. Чунончӣ дар рафти таҳқиқ равишҳои махсуси илмӣ-таърихӣ-

биографӣ, проблемавӣ-хронологӣ, муқоисавию таърихӣ, таърихӣ-типологӣ, ретроспективӣ, тавсифӣ, таҳлили таърихнигорӣ мавриди корбурд қарор дода шуданд.

Навгони илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки он нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба саҳми О.Б. Боқиев дар омӯзиши таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистони муосир мебошад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистонро дар асоси осори илмии профессор О.Б. Боқиев ва муқоисаи он ба осори муҳаққиқони дигар мавриди таҳлилу омӯзиш қарор диҳад.

Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқ аз он иборат аст, ки натоиҷи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро метавон дар омӯзишу таҳлили марҳилаҳои мубрами таърихи халқи тоҷик махсусан, вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳудудҳои Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX истифода намуд.

Тавре аз автореферати диссертатсия бармеояд, рисола аз мундариҷа, номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Автореферат бо забони равон, илмӣ таҳия шудааст, ки аз сатҳи баланди омодагии илмии муаллиф ва дониши методологиву таҳлилии ӯ шаҳодат медиҳад. Аз банду баст ва муҳтавои автореферат муайян мегардад, ки диссертатсияи мазкур мувофиқ ба талаботи мавҷудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад.

Муаллиф оид ба мавзуи диссертатсия дар 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақолаи илмӣ дар маҷмуи мақолаҳои конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ба нашр расонидааст.

Хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ, ки дар ҷараёни ин таҳқиқот баён гардидаанд, бо далелҳои муътамад ва асосҳои илмӣ пурра тасдиқ ва тақвият ёфтаанд.

Автореферати диссертатсияи Нуров Суҳроб Рустамович дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев», бо риояи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровардa шудааст. Довталаби дараҷаи илмӣ зимни таҳия талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ»-ро, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, пурра ба инобат гирифтааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи дар «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамин тавр, бо такя ба муҳтавои автореферати диссертатсия метавон ба хулоса омад, ки ин таҳқиқот дар сатҳи баланд анҷом ёфта, муаллиф сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи
ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ),
муаллими калони кафедраи таърихи
халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Ватанзода Шердил Ватан

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Ш. Кӯлоб, маҳ. Ш.Шоҳин 29/7
Тел: +992 988026304
E-mail: sherdil.isufov@mail.ru

«Имзои доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи
ихтисоси таърих Ватанзода Ш.В.–ро тасдиқ менамоям»:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Давлатов М.А.

«24» 06 соли 2026

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, куч. С. Сафаров, 16
Тел: +992(83322) 2-35-06; +992(83322) 2-35-09.
E-mail: info@kgu.tj; Сомонаи расмӣ: www.kgu.tj.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ • РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС